# 3219 - Оё 100 маротиба хондани Фотиҳа барои дархост аз Аллоҳ таъоло машрӯъ аст?

**савол**

Оё ҳадисе вуҷуд дорад, ки оиди 100 маротиба хондани Фотиҳа барои дархости баракат тавсия намояд?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ягон далели саҳеҳе вуҷуд надорад, ки банда ҳангоми аз Аллоҳ талаб кардани чизе, 100 маротиба Фотиҳаро бихонад. Аз ин рӯ, бо он амал кардан ҷоиз нест. Шумо бояд ба суннати паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) пайравӣ кунед ва Аллоҳро бо номҳову сифатонаш бихонед ва ба сӯи Ӯ бо он василаҷӯӣ кунед.
Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَلِلهِ الأَسْمَاءُ الْحُسْنَى فَادْعُوهُ بِهَا

سورة الأعراف: ١٨٠

**«Ва зеботарин номҳо аз они Аллоҳ аст, пас Ӯро ба он (номҳо) бихонед».** (Сураи Аъроф: 180).

Сураи Фотиҳа бузургтарин сураи Қуръон аст, пас ҳар вақт, ки бихоҳед, метавонед онро бидуни шумора ва шеваи муайяне, ки дар Шариъат наомадааст, бихонед.
Аллоҳ мову шуморо ба тамоми хайр муваффақ намояд.